**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Назарзода Фирдавс Хоркаш дар мавзуи “Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ**

**Мубрамияти мавзӯи кори диссертатсионӣ.** Дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим истифодаи тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии иқтисодиёт, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи саноати кишвар, хусусан лоиҳаҳои хусусияти инноватсиониву навоваридошта, муҳиму саривақтӣ мебошанд.

Чи тавре, ки дар Паёми навбатии худ санаи 26-уми декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа намуданд: «Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад». Инчунин, дар Паёми мазкур Пешвои миллат таъкид намуданд, ки нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ бояд таъмин кард.

Бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022 – 2026-ро Солҳои рушди саноат эълон доштанд. Барномаву стратегияҳо ба таъсиси корхона ва коргоҳҳои нав, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзун намудани ҳаҷму сифати маҳсулоти ватанӣ, таъмини рақобатнокии он равона шуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина гузоштанд.

Захираю имкониятҳои Тоҷикистон барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати саноатӣ, афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор

дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ зиёданд. Аз ин лиҳоз, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар ин росто, довталаби дараҷаи илмӣ Назарзода Фирдавс Хоркаш бо назардошти захираю имкониятҳои кишвар ва муаррифии молу маҳсулоти ватанӣ, инчунин ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мавзӯи кори диссертатсионии худро бо номи "Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)", ки дар соҳаҳои хоҷагии халқ таърихи васеи истифода дорад, ба таҳқиқу омӯзиши раванди ҷудо намудани равған ва липидҳои таркиби тухми зағир ҷиҳати дарёфти вариантҳои оптималӣ, таҳқиқи таркиби химиявӣ, муайян намудани муҳимтарин нишондиҳандаҳо ва хосиятҳои физикию химиявии намунаҳои таҳқиқшавандаи равған ва липидҳои тухми зағир, инчунин коркарди технологияи нав ва муфиди ҳосил намудани консентрати кислотаҳои калонмолекулаи чарбӣ давоми солҳои 2022-2024 таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст.

Воқеъан ҳам дар рафти зиндагӣ ва таҷрибаҳои бисёрсолаи худ инсоният растаниҳои муфиди равғандиҳандаро дарёфт ва онҳоро парваришу нигоҳубин намуда, усулҳои ҷудо намудани равғани онҳоро аз худ намуданд. Бо мурури замон аз ҷониби олимони соҳа муайян карда шуд, ки равғанҳо дар баробари моводи ғизоӣ, инчунин хосиятҳои шифобахширо низ доро мебошанд. Ин гурӯҳи пайвастагиҳои табиӣ натанҳо ҳамчун ғизо, инчунин ҳамчун доруворӣ ва маводи техникӣ дар рӯзгори инсоният истифода гашта истодааст.

Муаллиф дар кори илмии худ дарҷ намудаст, ки самти истифодашавии саноатии ҳамагуна равғани растанӣ дар асоси таркиби химиявӣ ва хосиятҳои органолептикии он муайян карда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши таркиби химиявии равғанҳое, ки дар бораи таркиб ва хосиятҳои химиявии онҳо дар сарчашмаҳои илмӣ маълумотҳои зарурӣ дида намешаванд, яке аз мавзуъҳои ниҳоят мубрам барои илм ва истеҳсолоти ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд.

Довталаб дар диссертатсияи худ оид ба ҳолат ва дурнамои соҳаи саноати хӯрокворӣ дар минтақа ва ҷаҳон, татбиқи равғани зағир дар соҳаҳои гуногун, таркиби кимиёвии пайвастагиҳои асосии равғани тухми зағир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, маълумот ба таври возеҳ ва мушаххас бо дараҷаи баландӣ касбӣ тибқи сарчашмаҳои илмӣ гирд оварда шудааст.

Барои амалӣ намудани мақсади кор вазифаҳои гузошта шуда пурра бо дараҷаи баланди касбӣ ва хулосаю пешниҳодоти мушаххас иҷро гардида, муаллифи кори илмӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, таҳлилу омӯзиш ва шарҳи маълумотҳои таҳқиқотии бадастовардашуда, коркарди оморию математикӣ, омодасозӣ ва мураттабгардонии маводҳо собит намудааст, ки таркиби кимиёвии равғани растании зағири дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парваришшаванда аз лиҳози таркиби моддаҳои кимиёии равғани зағири маҳаллӣ нисбат ба дигар равғанҳои манотиқи ҷаҳон дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кори илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки довталаб мавзуи дорои аҳамияти бузурги илмидоштаро иҷро намудааст. Услҳои интихобнамуда, нашри корҳои илмӣ аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, омӯзиши пурраи қисматҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ, тавсияҳо ба истеҳсолот ва муаллифии нахсутпатент аз раванди асосноккунии илмии кори таҷҳизот ва шарҳу таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, таҳлили чандтарафаи натиҷаҳои ҳосилшудаи илмӣ-тадқиқотӣ, хулосабарорӣ ва ҷамъбасти сохту мазмуни рисолаи илмӣ аз ҷумлаи амалҳое дониста мешаванд, ки Назарзода Ф.Х. дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ бо дараҷаи баланди касбӣ собит намудааст.

Дар рафти гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи таҳлили матни диссертатсия дар кори довталаб Назарзода Ф.Х. баъзе эродҳо ва саволҳо ба миён омад:

1. Дар расми 1 ва расми 2, ки коҳишёбии нишондиҳандаи ададӣ кислотагӣ дар марҳилаҳои биологии пухтарасии тухми мушхор ва зира, поин омадани нишондоди ададӣ кислотагӣ дар давраи биологии пухтарасидани тухмии пахта ва ангури саҳроии худрӯй ном гирифтааст ба мавзӯи кори илмӣ

чӣ рабт дорад?. Хуб мешуд алоқамандӣ дар автореферат пурра инъикос мегардид.

2. Тавре аз таҳлили кори илмӣ бармеояд довталаб таъсири спиртҳоро ба самаранокии баромади реаксия ба табиати ҳалкунандаи истифодашуда дар расмҳои 3 ва 4 омӯхтааст. Оё довталаб мавҷуд будани пайвастагиҳои эфириро дар растании зағир таҳлил намудааст?.

3. Дар раванди ҷудо намудани равған довталаб аз мушкилотҳо ё норасогиҳои хатӣ технологӣ маълумот наовардааст. Ба назари довталаб кадом нуқтаҳои таҳдидомез дар хати технологӣ мавҷуд аст, ки бояд дар ҳамон қисмат назорат пурзур карда шавад?.

4. Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯзҳо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати ба содирот баровардани маҳсулоти ватанӣ кушишу талош варзида истодаанд. Хуб мешуд ҳангоми омода намудани диссертатсия вобаста ба шарҳи ҳуҷҷатҳои меъёрии байналмилаллӣ ва роҳ ёфтан ба бозори ҷаҳонӣ зербоби алоҳида ба ин самт бахшида мешуд.

5. Дар кори диссертатсионӣ баъзе истилоҳоти нофаҳмо дида мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки эроду саволҳои дарҷгардида арзиши кори диссертатсиониро паст наменамоянд ва хосияти тавсиявӣ доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки диссертатсияи пешниҳодшудаи довталаб Назарзода Ф.Х. кори ба анҷом расида буда, муаллиф аз иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда пурра баромадааст ва пешниҳодоту натиҷаҳои кор метавонад дар раванди истеҳсолот татбиқ ва дар пешбурди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар ин самт истифода гардад.

Матни автореферати диссертатсия таҳқиқотҳои гузарондашударо ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Вобаста ба таҳлилу омӯзиши диссертатсияи Назарзода Фирдавс Хоркаш дар мавзуи «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (*Linum usitatissimum*)» муайян карда шуд, ки диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ

буда, муаллифи диссертатсия Назарзода Фирдавс Хоркаш барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**:
Номзади илмҳои техникӣ, и.в.дотсенти
кафедраи технологияи истеҳсоли
маводи хӯрокаи Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси
05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои
эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ Тураева Г.Н.

*Имзои Г.Н. Тураеваро тасдиқ менамоям:*
*Сардори раёсати кадрҳо,*
*коргузорӣ ва назорат* *Раҳматулло Нусратулло*

*734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3,*
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: (+992 37) 234-79-87,*
*Факс:+992 (37) 234-79-88 E-mail: rectorat-tut@mail.ru*